Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)

Дар раванди таълим ворид ва самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ яке аз омилҳои муҳим ва асосии рушди соҳаи маориф ва беҳтар гардидани сифати таҳсилот ба шумор меравад. Ба таври васеъ истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим то ҷое ба татбиқи принсипҳои тарҳи универсалии омӯзиш имконият дода, ба хонандагон шароити рушди салоҳиятҳо таъмин карда мешавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ, баланд намудани сатҳ ва сифати омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир равона карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи докторант яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он махсусият ва мушкилоти асосии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз технологияиҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мусоидат мекунад.

Докторант мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, зеро маҳз ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ самарабахш ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз масоили мубрами таҳқиқот қарор дода шудааст.

Асоси таҳқиқоти докторантро баррасии озмоишҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ташкил додааст. Андешаҳои ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамуда дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-

амалӣ, ки бо гузариш ба фазои муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мушкилоти тарбияи насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву маърифатии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад.

Рисолаи пешниҳодшуда дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро баррасӣ менамояд.

Ҳалли масъалаи мазкурро докторант дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима докторант муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби якуми диссертатсия, ки "Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим" ном гирифтааст, масъалаҳои истифодаи технологияҳои иттилоой-коммуникатсионии хонандагон дар ташаккули салоҳиятҳои асосии онҳо ташкили фаъолияти инноватсионии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ маърифатӣ ва характери инсон баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия "Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" муаллиф, доир ба амсилаи фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули муносибати босалоҳият ба таълим, озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар доираи навсозии таҳсилотро мавриди таҳқиқу озмоиш қарор дода, ба таври муфассал маълумот пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллиф муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонанда дар раванди иҷтимоӣ ниҳоят муҳим мебошад. Моҳияти таълими фаъол дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат ва иҷтимоишавӣ фаро гирифта мешаванд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» анҷомёфта ҳисобида мешавад. Новобаста аз камбудиҳои ҷузъие, ки дар кор ба назар мерасад мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров С.Ф.

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Собиров С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода